Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, Сафарӣ Умед Анвар, сардори филиал-муовини сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Қурбонов Шайдулло Ятимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, пешниҳод шудааст.**

1. **Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сайёҳӣ падидаи иқтисодӣ-иҷтимоии замони муосир буда, дар худ ҷанбаҳои гуногуни робитаҳои иқтисодӣ ва мақсадҳои иҷтимоии рушди ҷомеаро таҷассум менамояд. Айни замон сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои бомаром рушдёбанда ва сердаромади иқтисоди ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ба сифати омили муҳимтарини рушди иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа баромад менамояд. Рушди сайёҳӣ, агар аз як тараф, аз болоравии вақти фориғӣ, болоравии сифати зиндагии аҳолӣ, ташаккули бахши хизматрасонӣ вобаста бошад, аз ҷониби дигар, он суръатфизои маҷмаавии хоҷагии миллӣ ба шумор меравад.

Муаллиф қайд менамояд, ки рушди соҳаи сайёҳӣ ба ташаккулёбии соҳаҳои ба сайёҳӣ наздик мусоидат менамояд ва дар таъмини рушди сайёҳӣ идоракунӣ нақши муассир дорад. Идоракунӣ тариқи тарҳрезии барномаҳои маҷмаавии рушди соҳаи сайёҳӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, пешниҳоди имтиёзҳо, сабукнамоии ҷараёни ҳуҷҷатгузорӣ дар раванди фаъолияти сайёҳӣ, дастгирии давлатии рушди соҳа, маблағгузорӣ ва пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҳлили оморӣ ва муайян намудани стратегияи минбаъдаи рушди соҳа сурат мегирад.

Қурбонов Ш.Я. дуруст баён намудааст, ки танҳо мавҷудияти иқтидорҳои сайёҳӣ, табиӣ ё антропогенӣ нишонаи рушди соҳаи сайёҳӣ нест. Ба ташаккулу пешрафти он ба сифати фишанги асосии таъсиррасон идоракунии илман

асоснокшуда низ баромад карда метавонад. Солҳои охир вобаста ба дуруст роҳандозӣ намудани ташкили сайёҳӣ як қатор кишварҳо маҳз аз ҳисоби ин соҳа афзоиши назарраси иқтисоди миллиашонро таъмин намуда, самтҳои дигари онро, ки ба сайёҳӣ ба таври ғайримустақим алоқамандӣ доранд, ривоҷ додаанд.

Аз ин хотир, кори диссертатсионии Қурбонов Шайдулло Ятимович аҳамияти бузурги илмӣ-амалӣ дошта, дар он самтҳои идоракунӣ, роҳҳои мукаммалгардонии идоракунӣ ва тамоюлҳои рушди сайёҳӣ дар шароити муосир ва дурнамои мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ таҳлил гардидаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки ба рушди сайёҳӣ якчанд омилҳо ба мисли: омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вайроншавии муҳити экологӣ, омилҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ, болоравии нишондиҳандаи даромаднокии аҳолӣ, идоракунии дурусти бахши соҳаи сайёҳӣ, рушди иттилоот ва коммуникатсия, ташаккули фарҳангии аҳолии сайёра, афзоиши талабот ба беҳдошти саломатӣ ва саёҳат ба минтақаҳои нав, афзоиши босуръати аҳолӣ ва ғайра мусоидат менамояд ва инчунин яке аз омилҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ, афзоиши вақти фориғӣ дар мувозинати вақтии аҳолӣ тавассути нишондиҳандаи болоравии харидории хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷониби он, ба шумор меравад.

Инчунин ба ақидаи Қурбонов Ш.Я. таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба идоракунии давлатии сайёҳӣ имкон медиҳад то чунин хулосабарорӣ намоем, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон амалинамоии ин таҷриба аз манфиат холӣ нест. Чунончӣ: – сайёҳӣ нақши муҳимро дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, ҳам дар бахши бунёди ҷойҳои нави корӣ ва ҳам дар бахши ҳимояи иҷтимоии табақаҳои нисбатан камдаромади аҳолӣ (сайёҳии иҷтимоӣ), иҷро менамояд; – иштироки бевосита ва фаъоли сохторҳои ҳокимияти давлатӣ дар тарҳрезӣ ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо барои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти миллии сайёҳӣ **чӣ** дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори хориҷӣ муҳим аст; – қабули стратегияи дарозмуддати махсуси таъмини рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар,

алалхусус минтақаҳои қаторкӯҳҳои Фон, Помир, Ширкент ва Варзобу Балҷувон зарур аст; – сохторҳои идоракунандаи давлатии сайёҳӣ бояд ба корҳои илмӣ-тадқиқотии соҳаи сайёҳӣ, таҳлили раванду рушди соҳа, истифодаи технологияи маркетингӣ диққати махсус диҳанд; – ба сектори сайёҳӣ дар боробари ҷудо намудани сармояи давлатӣ ҳамзамон иштироки сармоягузорони хусусӣ ҷалб карда шаванд; – дар ҳамаи давлатҳои рушдёфта дар масъалаҳои сайёҳӣ нақши асосиро дар идоракунии рушди сайёҳӣ давлат иҷро менамояд.

Инчунин дар рисола омадааст, ки давлат ҳамчун институти асосӣ дар ташаккулу пешрафти сайёҳӣ нақши калидиро иҷро менамояд ва роҳҳои аз ҷониби давлат муҳайё намудани шароит ҷиҳати рушди сайёҳии дохилӣ ва байналхалқиро дар шакли зер тавсия намудааст:

– ташаккулдиҳии бозори босамари рақобатпазири сайёҳӣ;

– баландбардории сифати хадамоти сайёҳӣ;

– таблиғот ва иттилоооти дуруст, ки нуфузи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мусоид ба сайёҳӣ инъикос менамояд;

– таъсир ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла марказҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар асоси шартҳои рушди босубот;

– истифодаи имкониятҳои табиии кишвар барои ташкили фароғат ва истироҳат ва ғайра.

**2. Сатҳи асоснокkунии дастовардҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо дар диссертатсия омада.**

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо асарҳои иқтисоддони муосири хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳо ва нақши онҳо дар рушди иқтисодӣ ва таҳлилҳои онҳо истифода шудаанд. Дар диссертатсия қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба сайёҳӣ”, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030–юм, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ истифода шуда, ба сифати сарчашмаҳои

аввалияи иттилоот маводҳои ҳисоботи оморӣ, конфронсҳои илмию амалӣ корбаст гардидаанд.

**3. Эътиборнокӣ ва навоварии илмии диссертатсия** аз омӯзиши муқаррароти илмӣ-назариявии таҳлили масъалаҳои ҷараёнҳои мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо натиҷаҳои зерин, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, муайян карда шудааст. Муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки илман ва амалан, яъне дар таҳқиқотҳо моҳияти масъалаҳои раванди мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳиро инъикос менамояд.

**4. Мазмуни кор. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқадимма, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 170 саҳифа ифода ёфта, дар он 24 ҷадвал, 22 расм, 5 диаграмма, 1 нақша, 1 харита ва 8 модел инъикос гардидаанд. Руйхати библиогарафӣ аз 162 номгӯй (аз он ҷумла 14 нашрияҳои худи довталаб) иборат аст.

Дар муқаддима муҳимият ва мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бозгӯйӣ шудааст.

**Дар боби якум** ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти идоракунии сайёҳии Тоҷикистон, ҷанбаҳои назариявии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ, таҳқиқи омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди сайёҳӣ ва методологияи идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии рушди сайёҳӣ ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

Дар ин боб ба мафҳум ва ҷанбаҳои назариявии «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ» таҳлили васеъи илмӣ карда шуда, моҳият ва аҳамияти иқтисодии он мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллиф шарҳ дода шудааст.

**Дар боби дуюм** таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои институтсионалии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Точикистон ва накши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, натиҷаи таҳқиқот дар шакли пешниҳодҳои илмӣ оварда шудаанд.

Инчунин таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди сайёҳӣ дар миқёси ҷумҳурӣ муайян гардида, роҳҳои асосии ноил шудан ба мақсади гузошташуда ва дар оянда аз ин роҳ самаранок истифода намудан пешниҳод карда шуд.

Ғайр аз ин, муқаррар карда шуд, ки даромаднокии аҳолӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҷумҳуӣ сол аз сол боло рафта, барои боз ҳам беҳбуд бахшидан ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсирри назаррас расанд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки барои идоракунии мукаммалли бахши сайёҳӣ омоданамоии мутахассисони ояндаро ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ намоем.

**Боби сеюми** рисола «Самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, оиди самтҳои идоракунӣ, баҳодиҳии соҳаи сайёҳӣ ва самаранокии ҳаракати маҳсулоти сайёҳӣ; роҳҳои мукаммалгардонии идоракунӣ ва тамоюлҳои рушди сайёҳӣ дар шароити муосир ва дурнамои мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ташкили инфрасохтори мукаммали сайёҳиро дар бар гирифта, дар он як қатор тамоюлҳо, чораҳо ва пешниҳодҳои илмӣ баён гардидаанд.

Инчунин бояд қайд намуд, ки дар рисола тамоюлҳо ва пешниҳодҳои илмии асоснокшуда оиди самтҳои асосии мукаммалгадонии идоракунии бахши сайёҳӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда, мавриди таҳлил карор гирифтааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳо ҷамбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳаллӣ муаммоҳои дар диссертатсия баррасӣ гардида оварда шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Бо вуҷуди он, ки натиҷаҳои масъалаи гузошташуда дар диссертатсия илман ва амалан таҳқиқи худро ёфта, дар кор як қатор пешниҳодҳои илман асоснок шуда оварда шудааст, ки дар оянда метавонанд ба беҳтар гардидани равандҳои таҳлили мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ, таъсири худро расонанд.

Дар баробари ин дар диссертатсия як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

1. Дар рисола оид ба мафҳуми сайёҳӣ ақидаҳои зиёди олимон гуфта шудааст, вале оид ба идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва мукаммалгардонии он ақидаҳои олимони ватанӣ нисбатан камтар оварда шудаанд.

2. Дар саҳифаи 22 расми 1.1.2. сохтори соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби олими амрикоӣ Ҷ. Уокер тарҳрезӣ гардидааст, оварда шудааст, вале сарчашмаи он нишон дода нашудааст.

3. Дар ҷадвали 1.2.2. динамикаи воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2018с.нишон дода шудааст, вале хуб мешуд агар таснифоти сайёҳон оид ба самтҳои сайёҳӣ оварда шавад.

4. Дар параграфи 1.3. оид ба таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии рушди сайёҳӣ ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ақсаран таҷрибаи давлатҳои пешқадами сайёҳӣ оварда шудааст, вале аз таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки аз нигоҳи географӣ ба Тоҷикистон шабоҳат доранд, танҳо таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон оварда шудаасту халос. Хуб мешуд, агар дар рисола таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон, ки дар масъалаи мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ ба дастовардҳои зиёд ноил гардидаанд, мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор мегирифт.

5. Дар рисола оварда шудааст, ки кадрҳое, ки дар донишгоҳҳо ба ҳайси мутахассис тайёр карда мешаванд, қисман ба талаботи соҳаи сайёҳии байналмиллалӣ ҷавобгӯ нестанд. Аксари чунин кадрҳо забонҳои хориҷиро намедонанд ва қобилияти муомилаи замонавӣ, фарҳангӣ нисбати сайёҳони хориҷиро надоранд, вале сабаби чунин ҳолат ва роҳҳои ҳалли мушкилӣ ба таври возеҳ гуфта нашудааст.

6. Ҷадвалҳои 1.2.2. ва 3.3.7. бо ҳам шабоҳат доранд, яъне такрор шудаанд.

7. Ҳоло дар миқёси байналхалқӣ вазъи сайёҳӣ дар ҳоли ногувор қарор дорад, ки ин ҳолат ба бозори сайёҳии Тоҷикистон низ таъсир расонидааст, вале дар рисола оид ба масъалаи мазкур таҳлилот оварда нашудааст.

8. Инчунин дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва мазмунӣ дида мешаванд, ки ислоҳи ҷиддиро талаб менамоянд.

Камбудиҳои ҷойдошта хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши илмию амалии диссертатсияро коста намегардонад.

Навгонӣ ва натиҷаҳои тадқиқот ба бандҳои зерини ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент иҷро гардида, бо бандҳои 10.1. «Коркарди масоили илми идоракунӣ ва усулҳои фаҳми он. Нигаришҳои назариявӣ ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои предметӣ ва байнифаннии идоракунӣ», 10.2. «Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ», 10.8. «Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес», 10.9. Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ – методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуддат, миёнамуддат ва кӯтоҳмуддати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯи давраҳои ҳаётии он мувофиқат мекунад, ки бо шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

6. **Мувофиқати диссертасия ба тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ.**

Дар охир бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии тақризшаванда пурра анҷомёфта мебошад ва навгониҳои илмии ба дастоварда аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва мақолаҳои нашргардидаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгониҳои илмии онро ифода менамояд. Диссертатсияи Қурбонов Шайдулло Ятимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба дараҷаи баланд иҷро гардидааст ва натиҷаи таҳқиқоти мустақилона ба охир расидаи муаллиф муҳим мебошад. Рисолаи илмии иҷрошуда ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии ҳалқ: менеҷмент, мебошад.

Муқаризи расмӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
сардори филиал-муовини сардори
Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарӣ У. А.

Имзои Сафарӣ У.А.- ро тасдиқ мекунам:
Ёрдамчии сардори филиали Донишкадаи
ҳарбии Вазорати мудофиаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба қисми сафӣ ва кадрҳо Файзалиева О. Ҳ.